**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КАО -012-и**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)**

ТАҚРИЗИ

муқарризи расми номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гадоев Амиршо Ҷурахонович ба диссератасияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – иқтисодиёти меҳнат ва демография

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм**

Диссертатсияи мазкур ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14.– Иқтисодиёти меҳнат ва демография ба зербандҳои: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ); 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқат менамояд.

**2. Мубраммияти мавзӯи диссертатсия**

Дар шароити муосир рушди устувори иқтисоди миллӣ бевосита ба самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, сатҳи шуғли аҳолӣ, сифати қувваи корӣ ва фаъолияти самараноки бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Гузариши иқтисодиёти миллӣ ба марҳилаи рушди индустриалӣ-инноватсионӣ талаб менамояд, ки муносибатҳои меҳнатӣ, механизмҳои ташаккул ва истифодаи қувваи корӣ, инчунин низоми идоракунии бозори меҳнат ба талаботи нави технологӣ ва сохтории иқтисодиёт мутобиқ карда шаванд. Дар ин раванд бозори меҳнат ҳамчун яке аз институтҳои асосии иқтисодӣ на танҳо воситаи тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатӣ, балки ҳамчун омили муҳими таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди соҳибкорӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва ташаккули иқтидори инноватсионӣ баромад менамояд.

Аҳаммияти масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷиҳат бештар мегардад, ки рушди босуръати аҳолӣ, афзоиши захираҳои меҳнатӣ, зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тағйирёбии сохтори талабот ба қувваи корӣ ва

номувофиқии муайяни байни талаботи бозори меҳнат ва пешниҳоди қувваи корӣ зарурати такмили механизмҳои идоракунии онро ба миён меорад. Гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ талаботро ба мутахассисони дорои малакаҳои касбӣ, рақамӣ, технологӣ ва идоракунӣ зиёд намуда, ҳамзамон ба сохтори шуғл ва касбҳои дар бозори меҳнат пешниҳодшаванда таъсири ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ташаккули механизми самаранокки пешгӯии талабот ба қувваи корӣ, омодасозии кадрҳо мутобиқ ба эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва мусоидат ба шуғли самараноки аҳолӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва демографии муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд мавқеи махсус дорад. Афзоиши захираҳои меҳнатӣ, иқтидори баланди кишоварзӣ, рушди соҳаҳои саноатӣ, имкониятҳои васеи соҳибкорӣ ва зарурати диверсификатсияи сохтори иқтисодиёти минтақа масъалаи самаранок истифода намудани неруи меҳнатиро муҳим мегардонад. Ҳамзамон, дар бозори меҳнати минтақа масъалаҳои нобаробарии минтақавии шуғл, сатҳи гуногуни рушди бозори меҳнат дар шаҳру ноҳияҳо, номувофиқии тахассуси қувваи корӣ ба талаботи корфармоён, маҳдуд будани ҷойҳои кории дорои маоши баланд, инчунин таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба пешниҳоди қувваи корӣ ба назар мерасанд. Ин ҳолатҳо зарурати таҳияи муносибати комплексӣ ба идоракунии бозори меҳнатро тақозо менамоянд.

Дар шароити индустриалӣ-инноватсионӣ худи мазмуни идоракунии бозори меҳнат низ тағйир меёбад. Агар дар модели анъанавӣ диққати асосӣ ба танзими шуғл, бекорӣ ва муносибатҳои байни корфармо ва корманд равона шуда бошад, дар иқтисодиёти муосир масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, рақамикунонии бозори меҳнат, истифодаи платформаҳои электронии шуғл, пешгӯии талабот ба касбҳои нав, рушди малакаҳои рақамӣ, такмили низоми таҳсилоти касбӣ ва таъмини ҳаракати самараноки қувваи корӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, идоракунии бозори меҳнат бояд аз механизми асосан маъмурӣ ба механизми чандирӣ, иттилоотӣ, рақамӣ ва ба натиҷа нигаронидашуда табдил дода шавад.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи дар диссертатсия нишон медиҳанд, ки муваффақиятҳои асосии таҳлил аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, ҳамчун натиҷати мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқотҳои дисертатсионии аспирант аз асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявӣ, коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ гардидаанд, ки татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти бозори меҳнат бартариятҳои зеринро ба монанди танзими давлатии бозори меҳнат ва такмилдиҳии он, коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ,

такмили механизми идоракунии бозори меҳнати минтақа дониста мешаванд. Навгониҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф буда, дар ин раванд пешниҳодҳо илман асосонок гардидаанд, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар самти такмили механизми идоракунии бозори меҳнат мебошанд, ки ин навгониҳо аз қисматҳои зерин иборат мебошанд:

– дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, муаллиф мафҳуми «бозори меҳнат»-ро ҳамчун категорияи иқтисодӣ, шарҳ додааст, ки он аз дигар мафҳумҳои то ин вақт пешниҳодгардида, фарқ намуда, дар он афзалиятҳо ва бартариятҳо муайян гардидаанд. Муаллиф бо тафсири пешниҳоднамудаи худ идоракунии бозори меҳнатро ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ дар худ таҷассумкунандаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот бо ҳаракати қувваи корӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ асоснок намудааст. Ба ақидаи муаллиф, барои ташкили ҷойҳои корӣ, якчанд омилҳо аз қабили ҳувияти миллӣ ва анъанаи мардум ба назар гирифта шуда, барои такмил додани бозори меҳнат рушд додани ҳунарҳои мардумӣ, рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он зарур мебошад;

– муаллиф дар навгонии дигари таҳқиқот моҳият ва зарурати такмили идоракунии бозори меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиро нишон дода, ҳолати рақобатпазирии он, мушкилотҳои асосӣ махсусан дар бозори меҳнати вилояти Хатлон, инчунин, номувофиқатии талабот ва таклифоти қувваи кориро арзёбӣ намудааст ва роҳҳои такмили бозорро тавассути соҳаҳои нави фаъолият, яъне иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ бо воситаи омилҳои таҳсилот, касбомӯзӣ ва такмили тахассуси ба он мувофиқ пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, дар заминаи арзёбии омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон як қатор микро ва макромилҳо муайян карда шуда, таъсири онҳо ва иқтисодиёт муайян гардидааст. Ҳамчунин, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба бозори меҳнати вилоят муайян карда шуданд, ки дар ҳолати бартараф намудани он мувозинати идоракунии бозори меҳнат метавонад таъмин гардад;

– дар навгонии дигар муаллиф масъалаи дастгирии давлат дар такмили бозори меҳнати вилояти Хатлонро мавриди баррасӣ қарор дода, роҳҳои такмили механизми давлатии бозори меҳнат ва мусоидат намудан самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро дар шуғли аҳолии вилояти Хатлон арзёбӣ намудааст. Ҳамчунин, аз тарафи муаллиф роҳҳои танзими дусатҳаи бозори меҳнати вилояти Хатлон муайян гардида, пешниҳод гардидааст, ки он дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ амалӣ карда шуд. Дар баробари ин, муаллиф консепсияи махсусро оид ба афзалиятҳо ва норасогиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ тартиб додааст.

– муаллиф дар натиҷаи омӯхтани маводҳои зарурӣ роҳҳои такмили механизми идоракунии бозори меҳнатро дар мамлакат ва минтақаҳои онро пешниҳод намуда, доир ба масъалаи самти стратегии такмили он тавсияҳои худро пешниҳод намудааст. Инчунин, пешниҳод гардидааст, ки механизми фаъоли бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд марҳилаи бунёд ва рушдро аз сар гузаронад. Дар доираи ин, бояд барои такмили механизми бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ сатҳу сифати неруи кадрӣ, қобилияти зеҳнии онҳо баланд бардошта шаванд. Оид ба ин масъала модели махсус низ таҳия гардида, он бо таъсири омилҳо ба стратегии он асоснок гардидааст.

## 4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва иҷтимоию иқтисодии бозори меҳнат, инчунин омӯзиши хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон таъмин карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, системавӣ, сохторӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-математикӣ, экспертӣ ва усули таҳлили динамикӣ истифода гардида, барои муайян намудани тамоюлҳои рушди бозори меҳнат, арзёбии сатҳи шуғл ва бекорӣ, таҳлили талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии идоракунии бозори меҳнат замина фароҳам овардаанд. Истифодаи маълумоти оморӣ ва ҳисоботии расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи мақомоти давлатӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ имконият додааст, ки натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати илмӣ ва амалии кофӣ асоснок карда шаванд.

Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳлили воқеии равандҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон, муқоисаи нишондиҳандаҳо дар давраҳои гуногун ва арзёбии таъсири омилҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ ба ҳолати бозори меҳнат тасдиқ мегардад. Хулосаҳои илмӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда мантиқан бармеоянд ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба масъалаҳои воқеии идоракунии бозори меҳнат, аз ҷумла такмили сиёсати шуғл, пешгӯии талабот ба қувваи корӣ, рушди малакаҳои касбӣ ва рақамӣ, ҳамоҳангсозии низоми омодасозии кадрҳо бо талаботи корфармоён ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии бозори меҳнат равона шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи барномаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати шуғл ва чорабиниҳои рушди сармояи инсонӣ дар вилояти Хатлон истифода гардида, аз ин ҷиҳат дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар рушди заминаҳои назариявию методологии идоракунии бозори меҳнат дар шароити ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот мафҳум ва моҳияти иқтисодии бозори меҳнат, хусусиятҳои ташаккул ва рушди он, принсипҳо ва унсурҳои механизми идоракунӣ, инчунин таъсири равандҳои индустриалӣ, инноватсионӣ ва рақамикунонӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ асоснок карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки муносибати методологӣ ба арзёбии ҳолати бозори меҳнат, муайян намудани таносуби талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба шуғли аҳолӣ такмил дода шавад. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти иқтисоди меҳнат, бозори меҳнат, идоракунии сармояи инсонӣ ва рушди индустриалӣ-инноватсионӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар имконияти истифодаи онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, мақомоти маҳаллии идоракунӣ ва субъектҳои бозори меҳнат ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шуғл, сиёсати меҳнатӣ ва барномаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа ифода меёбад. Тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи дурнамои талабот ба қувваи корӣ, муайян намудани эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодӣ ба кадрҳои дорои ихтисосҳои мушаххас, ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон, рушди шаклҳои нави шуғл ва таъсиси ҷойҳои кории муосир истифода карда шаванд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми ташаккули низоми рақамии иттилоотии бозори меҳнат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти шуғл, муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён истифода намуд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия пеш аз ҳама дар фароҳам овардани замина барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ифода меёбад. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба коҳиш додани номувозинатии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, кам намудани бекории сохторӣ, рушди шуғли самаранок ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар фароҳам овардани имкониятҳои васеътар барои шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва таҳкими ҳифзи иҷтимоии қувваи корӣ зоҳир мегардад. Татбиқи тавсияҳои таҳқиқот оид ба рушди шуғли ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва малакаҳои касбӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, васеъ намудани имкониятҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос метавонад ба коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат намояд.

**6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Унвонҷӯ Шералии Сайдалӣ, дар таҳия ва дуруст ба роҳ мондани раванди таҳқиқот корҳои зеринро анҷом додааст, ки ҳамчун меъёрҳои илман асоснок мебошанд, ки аз қабили: интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот иборат мебошанд. Муаллиф дар таҳияи муқарраroти назариявӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон ва таъсири он ба ҳаҷми талаботи маҷмуӣ ва суръати рушди иқтисодӣ дар шароити рақобати комил ва иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Ҳамчунин, дар рисолаи муаллиф дар самти такмили механизми идоракунии бозори меҳнат таҳлил гузаронида ба натиҷаҳои назарси илмӣ ноил гардидааст, ки саҳми амалии муаллиф ба ҳисоб меравад.

**7.Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дохилидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ (солҳои 2021-2025) борҳо муҳокима ва эътироф карда шудаанд. Тавсияҳои назариявӣ-методӣ ва амалии дар диссертатсия ҷойдошта, дар рафти таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат» ва «Таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон барои истифода пешниҳод шудаанд ва санад оид ба татбиқи онҳо мавҷуд аст.

**8.Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 26 ҷадвал, 15 расм, 3 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда бо шумораи 177 адад иборат аст.

Унвонҷӯ Шералии Сайдалӣ, доир ба масълаҳои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд, барассӣ ва арзёбӣ кардааст. Тафсири мушаххаси онҳоро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин мебошад.

**9.Муаллифи рисола дар боби якуми диссертатсия,** ки – “Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ” ном дорад, масъалаҳои гуногуни ба бозори меҳнат алоқамандро мавриди таҳлил қарор додааст, ки ба он моҳияти бозори меҳнат ва идоракунии он, усулҳо ва намудҳои идоракунии бозори меҳнат ва таҷрибаи хориҷии идоракунии

бозори меҳнат ва истифодаи он дар иқтисоди миллиро дохл намудан мумкин аст (саҳ. 15-69).

Муаллифи рисола доир ба ин масъала қайд менамояд, ки “Рушди устувор ва босамари иқтисодиёт аз ҳолат ва динамикаи рушди бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Бозори меҳнат унсури калидии низоми иқтисодӣ маҳсуб ёфта, тамоюли рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз он вобастагии зиёд дорад. Масъалаи идоракунии бозори меҳнат бо назардошти рушди босуботи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ мубрам дониста мешавад” (саҳифаи 15).

Сабаби ба ин кор даст задани муаллиф дар он аст, ки масъалаҳои марбут ба идоракунии бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ то кунун ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд ва ин метавонад ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир, махсусан дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ташаккул додани бозори меҳнат масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад (саҳ. 16).

Муаллиф ба маврид қайд менамояд, ки идоракунии бозори меҳнат аз омилҳои гуногун вобаста буда, новобаста дар сатҳи ҷумҳурӣ ва манотиқи он ҳамеша аз хусусиятҳои худ алоқамандӣ дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қувваи корӣ асоси пешрафти иқтисодиёти минтақа ва дар маҷмуъ иқтисодиёти мамлакат буда, рушди устувори он аз ҳамин ҳисоб таъмин карда мешавад (саҳ. 36).

Ҳамчунин, қайд гардидааст, ки идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ бояд ба самти бунёди шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии баландбардории самаранокии фаъолияти бозори меҳнат равона карда шавад. Ба ақидаи муаллиф, механизми идоракунии бозори меҳнат ба воситаи як қатор омилҳо ташаккул дода шавад, ки ин дар раванди рушди дигар соҳаҳо кумак менамояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – “Ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон” муаллиф масъалаҳои ҳолати муосири раванди идоракунии бозори меҳнат, таҳлили бозори меҳнат дар шароити норасоии ҷойҳои корӣ ва арзёбии омилҳо дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бозори минтақаро мавриди омӯзиш қарор додааст (саҳ. 70-120).

Доир ба ин масъала муаллиф иброз медорад, ки дар шароити имрӯза дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти асосӣ бекорӣ буда, сабаби асосии он маҳдудияти ҷойҳои корӣ дар минтақаҳо мебошад.  Бинобар ин, дар маҷмуъ бозори меҳнати ҷумҳуриро зарур аст, ки барои ҳалли мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ роҳҳои нисбатан босамарро дарёфт намоянд (саҳ. 70).

Ба ақидаи муаллиф дар давлат механизми махсусе бояд мавҷуд бошад, ки он тавонад ҷавонони бекор ва муттахасисро бо шуғли доимӣ таъмин намояд ва бо соҳаи маориф алоқаи зич дошта бошад. Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ вазифаи асосии соҳаи маориф дар заминаи бунёди низоми самараноки таълим таъмин намудани сифати баланди таълим маҳсуб меёбад, ки ба шароити муосир

мувофиқ бошад ва барои рушди ҷомеа мусоидат намояд (саҳ. 71).

Вобаста ба ин муаллифи рисола як қатор мушкилотҳоро дар ин самт муайян намудааст, ки онҳоро ба 1) рушди иқтисодиёти соҳаҳое, ки имконияти таъмини афзоиши талабот ба қувваи кориро доранд; 2) амалӣ намудани чораҳо дар самти ҳимояи шаҳрвандон аз бекорӣ; 3) ташаккули шароити рушди босамари бозори меҳнат ва ҳалли дигар мушкилоти муҳим ҷудо намудан мумкин аст (саҳ.103).

Муаллиф ба он ақида мебошад, ки дар сатҳи паст қарор доштани донишу малакаи кадрҳои ҷавон ба талаботи бозори меҳнат ва сатҳи пасти музди меҳнат ҳамчун мушкилотшои асосии соҳа ба ҳисоб рафта, он дар рушд ва ташаккули бозори меҳнат таъсири манфии худро расонида метавонад.

Тибқи ақидаи муаллиф муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз бахшҳои бозори меҳнати кишварದониста мешавад, ки ҳиссаи калони захираҳои меҳнатиро фаро мегирад. Зиёд будани ҳиссаи муҳоҷирати берунӣ дар вилоят, аз як тараф, мушкилоти номувозинатии талаботу таклифоти қувваи кориро дар минтақа таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, боиси кӯчиши мутахассисони соҳаҳои иқтисодӣ мегардад (саҳ. 110).

**Дар боби сеюми диссертатсия** – “Такмили механизми танзим ва идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон” масъалаҳои механизми танзими давлатий бозори меҳнат ва такмилдиҳии он, коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ва такмили механизми идоракунии бозори меҳнати минтақа дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст (121-170).

Муаллиф бозори меҳнати вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқ қарор дода, иброз медорад, ки ин минтақа дар худ низоми муносибатҳои ҷамъиятиро байни корфармоён ва кормандон ифода менамояд. Вазъи ин бозор аз шароит ва рушди иқтисодиёти вилоят низ вобаста мебошад. Новобаста аз он ки талабот ва таклифоти қувваи корӣ худтанзимкунии фаъолияти бозори меҳнатро таъмин менамоянд, лекин дар баъзе мавридҳо ин бозор имконияти худтанзимкуниро надорад. Вобаста ба ин, зарурати танзими давлатӣ пеш меояд (саҳ. 121).

Аз нигоҳи муаллифи рисола, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати фаъоли шуғл бояд чораҳои зерин баромад кунанд: аз тарафи давлат соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ба воситаи маблағгузориҳо дастгирӣ карда шавад, ки ин ҳам бошад барои ташкили ҷойҳои кории холӣ асос мегардад, ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон, рушди хадамоти шуғли аҳолӣ дар вилоят, мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва соҳибкории оилавӣ, ҳавасмандкуниҳои давлатӣ дар намуди сабукиҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳои бо қонунгузорӣ асосёфта ба корфармоёне, ки шумораи назарраси ҷойҳои кориро ба бозори меҳнати минтақа пешниҳод менамоянд (саҳ.123).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар низоми индустриалӣ–инноватсионӣ соҳаҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳиссаи назарраси қувваи кориро бо шуғл таъмин намоянд. Ин ба он маъно гуфта шудааст, ки вобаста ба

имкониятҳои ҷойдошта, татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи вилоят аз тариқи барномаҳои мусоидат ба шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмони роҳҳо ва объектҳои сохтмонии инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои таъмини шуғли қувваи корӣ мусоидат менамоянд.

Дар натиҷаи таҳқиқ аспирант пешниҳод менамояд, ки ҳангоми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва амали якҷояи механизми танзими давлатӣ ва бозорӣ метавонад низоми идоракунии бозори меҳнати вилоятро такмил диҳад. Ҳамчунин, дар такмили бозори меҳнат имкониятҳои молиявӣ нақши бештар дошта, Ҳукумати вилояти Хатлонро зарур аст, ки бо назардошти имкониятҳои табиӣ ва иқлими мусоиди минтақа, намудҳои муносиби фаъолияти иқтисодиро рушд диҳад. Бозори меҳнат, ҳамчун унсури ҷудонопазири низоми иқтисоди аграрию индустриалӣ, бояд аз тариқи маблағгузориҳои мақсадноки рушди неруи меҳнатӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ–аграрӣ ва дар самти молиякунонии соҳаи маориф рушд дода шавад. Самти афзалиятноки фаъолияти иқтисодии давлат оид ба рушди бозори меҳнати вилоят дар таъмини шароити мусоид барои рушди тиҷорат ва фаъолияти сармоягузорӣ дида мешавад. Рушди тиҷорат ва фаъолияти сармоягузорӣ дар вилоят боиси таҳаввулоти бозори меҳнат мегардад, ки ҳолати мазкур вобастагии бозори меҳнатро аз молиякунонии мунтазами давлатӣ ва минтақавӣ коҳиш медиҳад (саҳ.129).

## 10. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшанвандаи илмӣ.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатасионии аспирант Шералии Сайдалӣ дар маҷалаҳҳои илмии тақризшавнадаба нашр расидаанд, ки ҳамчун натиҷаҳои илмии диссертатасия ба шумор меравaнд. Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардидаи муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 4,5 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

## 11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.

Диссертатсияи аспирант Шералии Сайдалӣ тибқи муқарротҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо чанде аз барномаву стратегияҳо, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 робита дошта, ба бандаҳои ингуна ҳуҷҷатҳои мутобиқат мекунад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки диссертатсия дар тибқи нақшаи корҳои илмии таҳқиқотии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар маҷмуъ, диссертатасия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, масъалаҳое, ки дар мубрамияти мавзуъ қайд гардида буданд, мавриди таҳлил қарор гирифта ба натиҷаҳои мушахасси илмӣ ноил гардидааст.

**12. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар ҳамаи соҳаҳое, ки дар масири рушд қарор доранд, камбудӣ ё наросоиҳо ба чамш мерасанд. Қабул ва ислоҳи камбудиҳо бояд дар рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногун саҳми арзанда дошта бошанд. Хусусан дар соҳаи илм, ислоҳи камбудиҳо ва норосоиҳо сабаб мегарданд, ки сатҳ ва сифати кор боло равад. Бояд гуфт, ки рисолаи мазкур низ дар баробари комёбиҳо, дастовардҳои назарраси илмӣ, таҳқиқотҳои нодир, баъзе камбудҳо ва норасоиро низ соҳиб мебошад. Ҳамзамон қайд кардан ба маврид мебошад, ки камбудиҳои пешниҳодшаванда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, қабули онҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи илмии рисолаи илмӣ афзоиш ёбад, ки инҳо ба ҳисоб мераванд:

1. Муаллиф тавонистааст, ки дар боби якуми диссертатсия, зербобҳои якум ва дуюм, нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва ватаниро оиди бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, бекорӣ ва роҳҳои бартараф намудани он, роҳу усулҳои ташакул ва рушди бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои бозорӣ, фаъолгардонии субъектони иқтисодӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва роҳу воситаҳои ташкилу таъмини ҷойҳои зиёди корӣ дар шароити рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ баён намояд. Аммо дар идомаи таҳлилҳо саҳми муаллиф, таҳқиқотҳои ӯ бо овардани сабабҳо, омилҳо ва оқибатҳо камтар ба назар мерасад. Хуб мешуд агар муаллиф дар идомаи корҳои таҳқиқотии худ тавсияи мазкурро баинобат гирифта бо овардани далелҳои мушаххас сабабу оқибатҳоро пайгирӣ менамуд.

2. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар боби 1, зербоби 1.3., саҳ. 51-67 муаллиф аз таҷрибаи рушдкардаи кишварҳои зиёд таҳлилҳо овардааст, ки ҳамаи он ба фоидаи кор аст. Вале дар таҳқиқот агар ба таҷрибаи Хитой низ бештар рӯ оварда мешуд, сифати корро боз ҳам баландтар менамуд. Зерро Хитой кишваре мебошад, ки дар самти рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнат таҷрибаи пешрафта дорад. Тавре, ки ба ҳамагон маълум аст дар Хитой миёни корхонаҳои хурду миёна ва калон ҳамгироии вертикалӣ ҷой дорад ва ба ин восита содироти ашёи хом пешгири карда шуда, истеҳсолот дар дохили мамлакат ташкил ёфтааст, ки ин сиёсат ба бозори меҳнат ҷойҳои зиёди кориро пешниҳод намуда ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мамлакат мусоидат менамояд. Дар қатори ҳамаи ин қисми зиёди ҷойҳои корӣ аз ҷонибаи корхонаҳои хурду миёна бунёд гардиааст.

3. Дар боби 2, зербоби 2.1., саҳ. 83-и диссертатсия, муаллиф маълумотҳои омориро оиди зиёдшавӣ ва камшавии заминҳои кишт дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон овардааст, аммо манбаи маълумотҳои омории овардашуда нишон дода нашудааст.

4. Дар боби 3, зербоби 3.3., саҳ. 163 натиҷаи коркарди муаллиф бо истифода аз усулҳои математикӣ риёзӣ модели регрессионии дурнамои шумораи аҳолии қобили меҳнати вилояти Хатлон то ссоли 2030 оварда шудааст, ки аз рӯйи натиҷаи он муаллиф дар диссертатсия ва автореферат қайд менамояд, ки то соли 2030 тибқи дурнамо шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат (яъне аз 15-64 сола) дар вилояти Хатлон ба 7,19 млн. нафар мерасад. Аммо маълумоти мазкур дар ҷадвали 3.4., ки ояндабинии нишондиҳандаҳо номгӯзорӣ шудааст, нишон дода нашудааст. Бинобар ин, ояндабинии нишондиҳандаи мазкур яке аз қисматҳои муҳими кор ба ҳисоб меравад ва эроди мазкур як ҳолати номуайяниро ба миён овардааст. Фикр менамоянд маълумоти мазкур на танҳо барои вилояти Хатлон, балки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Хуб мешуд агар ҷадвали 3.4., саҳ. 164 комилтар номгузори карда мешуд. Зерро маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда танҳо ба бозори меҳнат таълуқ доранд ва дар ҷадвали мазкур воҳиди ченак низ нишон дода нашудааст.

Фикр мекунам, ки эродҳои дар боло зикргардида хусусяти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

**13.Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Кори диссертатсионӣ анҷомшдуда номида мумкин мебошад ва дар он мундариҷа ва навгониҳои илмӣ ифода гардида, таҳлилҳои минбаъда, дар асоси мундариҷа ва бобҳою мубрамият асос ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки таҳлилҳои амиқи мубрамият ва мундариҷаи диссертатсияи Шералии С. бо номи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35“Тартиби додани унвони илмӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Гадоев А.Ҷ.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гадоев Амиршо Ҷурахонович-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Абдуназаров А.Ҷ.**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru**
**Телефон: +992 (37) 234-79-88**